*Ба Шурои диссертатсионии 6D 014 – назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ш .Душанбе, кӯчаи Ҳахимов 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар даврони муосир вазифаҳои мансуб ба истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти ширӣ аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Паст гардидани истеҳсоли шир ва кам шудани иқтидори корхонаҳои коркарди соҳа боиси зиёд шудани воридоти маҳсулоти ширӣ ба кишвар гардида, ин раванд на танҳо ба иқтисодиёти кишоварзӣ, балки ба амнияти озуқаворӣи кишвар низ таъсири манфӣ мерасонад. Барои рафъи воридоти маҳсулоти ширӣ аз хориҷи кишвар бояд ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ширӣ дар дохили кишвар вусъат бахшида шавад.

Аз таҳлили раванди ин соҳа бармеояд, ки ҳоло дар бисёр минтақаҳои кишвар коҳиши истеҳсоли ширӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба назар расида, баръакси он, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар хонаводаҳо мушоҳида мешавад ва ин омил боиси рафъи натанҳо мушкилоти худтаъминкунӣ бо маҳсулоти ширӣ дар оилаҳо, балки фурӯши изофа дар бозорҳои маҳаллӣ мегардад.

Диссертант қайд менамояд, ки гузариш ба муносибатҳои бозорӣ боиси вайрон шудани тартиботи мавҷудаи муносибатҳои хоҷагӣ дар комплекси аграрӣ-саноатӣ, номутавозунии манфиатҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва саноати коркард гардид. Ташаккули бозори мутамаддини шир ва маҳсулоти ширӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои асосии ислоҳоти бозор ба ҳисоб меравад, зеро маҳсулоти ширӣ аввалиндараҷа буда, новобаста аз ҳаҷм ва мавқеи ҷуғрофӣ дар ҳар як кишвар ба истеҳсоли он машғуланд. Дар робита ба ин, баррасии таҷрибаи ҷаҳонии ташкили истеҳсол ва коркарди шир, танзими давлатӣ ва ташкили инфрасохтори бозори шир ва маҳсулоти ширӣ муфид буда, бешубҳа, он манфиати илмӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии диссертатсия маҷмуи пешниҳодҳои ба ҳам алоқамандро дар ташаккули минтақавии зеркомплекси хӯроквориӣ, аз ҷумла фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсоли шир, коркарди он, истеҳсоли навъҳои зарурии маҳсулоти ширӣ ва фурӯши он,

ки ҷиҳати ба тарзи зарурӣ қонеъ гардонидани талаботи аҳолиро ба маҳсулоти ширии ватанӣ нигаронида шудааст. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки самтҳои имконпазири рушди бозори минтақавии шир ва маҳсулоти он муайян гардида, оид ба такмили механизми роҳандозии он пешниҳодҳои мушаххас оварда шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф такмили механизми рушди соҳаи чорводории минтақаро таҳия, муаммоҳои мавҷударо муайян ва самтҳои афзалиятноки рушди бозори кишоварзиро асоснок кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ нашр ва дар конференсияҳо дар солҳои 2017-2022 маъруза шудаанд.

Бояд қайд кард, ки дар баробари муваффақиятҳо автореферат аз камбудиҳо низ холӣ нест:

1. Дар саҳифаи 12-13 автореферат доир ба таҷрибаи хориҷии ташкил ва рушди бозори ширӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, аммо аз тарафи муаллиф таҷрибаи кадом мамлакати хориҷӣ ба шароити ҷумҳурии мо мувофиқ аст, пешниҳод накардааст.
2. Расми 1. ташкили фаъолияти инфрасохтори бозори ширӣ дар минтақа пурра шарҳ дода нашудааст.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии авторефератро кам намекунад ва доротӣ характери тавсиявӣ мебошанд. Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD)-и Шамсов Ҷ.И. дар мавзуи "Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)", ба талаботҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисола барои дарёфти дараҷаи доктаранти PhD, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктаранти PhD, аз руйи ихтисои 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири кафедраи молия ва қарзи**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба**
**номи Абӯабдуллоҳӣ Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири кафедраи молия ва қарзи**
**ДДК ба номи Абӯабдуллоҳӣ Рӯдакӣ**
**Комилов Н.Б.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори РК КМ**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба**
**номи Абӯабдуллоҳӣ Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**